Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 151 (4734) | ПАНҶШАНБЕ, 14 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

**14-уми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади шиносоӣ бо раванди тадбирҳои созандагӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шароити зиндагии сокинон, татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ва амалишавии барномаҳои давлатӣ, вазъи корҳои кишоварзӣ ва ифтитоҳи як қатор иншооти таъиноти гуногуни иқтисодию иҷтимоӣ ба вилояти Хатлон сафар карданд.**

Дар шаҳри Левакант Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид ва дигар масъулон гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Левакант нахуст бинои нави таълимии филиали Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» дар вилояти Хатлонро ба истифода дода, бо имконоти муосири донишомӯзӣ дар он шинос шуданд.

Бинои нави филиали Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар вилояти Хатлон аз рӯи лоиҳаи муосир бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар асоси стандартҳои ҷаҳонӣ дар партави сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои махсуси муассисаи таълимӣ дар масоҳати 1,55 гектар сохта шудааст.

Бунёди иншооти нави соҳаи маориф дар доираи тадбирҳои созандагӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, он аз таҳхона ва 7 ошёна иборат мебошад.

Бинои таълимӣ барои 2500 донишҷӯ дар як баст пешбинӣ гардида, дорои 27 ҳуҷраи корӣ, 37 синфхонаи барҳавои таълимӣ, 4 марказ, аз ҷумла Маркази таҳқиқотии «иқтисоди сабз», Маркази ҳамкориҳои байналмилалӣ ва татбиқи лоиҳаҳо, Маркази забони русӣ, Маркази зеҳни сунъӣ, озмоишгоҳҳои фаъолияти гумрукӣ ва 1С муҳосибот мебошад.

Бунёди меҳмонхонаи таълимӣ, сервиси тарабхонавӣ ва тарабхонаи таълимӣ бо тамоми дастгоҳу аёнияти омӯзишӣ муҷаҳҳаз, китобхонаҳои илмӣ - электронӣ бо махзани ғании адабиёти бадеию соҳавӣ ва толорҳои хониш бо 120 ҷойи нишаст, маҷлисгоҳ ва ошхона мутаносибан бо 500 ва 130 ҷойи нишаст аз имкониятҳои дигари иншооти нав аст.

(Давомаш дар саҳ. 3)



## ИФТИТОҲИ ИНШООТҲОИ НАВ АЗ ҶОНИБИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**13-уми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бинои иловагии маъмурии Прокуратураи генералиро ифтитоҳ намуданд.**

Ёдовар мешавем, ки санги асос барои сохтмони бинои мазкур аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 13-уми марти соли 2018 ба ифтихори Иди касбии кормандони прокуратураи ҷумҳурӣ ҷиҳати беҳтар намудани шароити кории онҳо гузошта шуда буд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ нахуст бо шароити кории фароҳамшуда дар бинои иловагии маъмурии Прокуратураи генералӣ шинос шуданд. Бинои мазкур аз тарафи Муассисаи давлатии «Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби сохтмончиёни маҳаллӣ сохта шудааст. Иншоот дар майдони 864 метри мураббаъ қомат афрохта, аз таҳхона ва 7 ошёна, ки масоҳати умумиашон 6702 метри мураббаъро ташкил медиҳад, иборат мебошад.

Бинои нави иловагии маъмурӣ дорои 93 ҳуҷраи корӣ, 4 толори машварат, ҳуҷраи қабули шаҳрвандон ва ошхона барои 180 ҷой мебошад. Дар таҳхона ҳуҷраҳои техникӣ ва толори машқи бадан ҷойгир карда шудааст.

Дар иншооти нав воҳиди навтаъсиси Прокуратураи генералӣ - Маркази ягонаи иттилоотӣ оид ба пешгирии экстремизм, терроризм ва киберҷиноятҳо ҷой дода шудааст. Ташкили чунин сохторро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23- юми декабри соли 2022 ба Прокуратураи генералӣ ва дигар сохторҳои қудратӣ супориш дода буданд.

Дар асоси супориши Сарвари давлат бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми апрели соли 2023 Маркази ягонаи иттилоотӣ оид ба пешгирии экстремизм, терроризм ва киберҷиноятҳо дар Дастгоҳи марказии Прокуратураи генералӣ ҳамчун воҳиди сохторӣ таъсис ёфт.

Марказ бо навтарин техника ва технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ-коммуникатсионӣ муҷаҳҳаз гардонида шуда, дорои низоми ягона ва мутамаркази электронӣ барои батанзимдарории фаъолияти зиддитеррористӣ мебошад. Низоми электронӣ имкон фароҳам меорад, ки чораҳои пешгирикунандаи зидди экстремизм ва терроризм дар ҷумҳурӣ ба таври мутамарказ ва ҳадафмандона татбиқ карда шаванд.

(Давомаш дар саҳ. 2)

## ҚАРОРИ
### РАИСИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи даъват намудани ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мутобиқи моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва банди 33 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунам:**

Ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 декабри соли 2023, соати 09-00 дар шаҳри Душанбе даъват карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 12 декабри соли 2023, № 34**

## ҚАРОРИ
### РАИСИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи даъват намудани Иҷлосияи шонздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

Мутобиқи моддаи 52 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 24 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» **қарор мекунам:**

Иҷлосияи шонздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум 27 декабри соли 2023, соати 10-00 дар шаҳри Душанбе даъват карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 12 декабри соли 2023, № 35**

## ИТТИЛОИЯ

Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки дар Иҷлосияи шонздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баррасии Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва дигар қонунҳои қабулнамудаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар дошта шудааст.

## ҚАРОРИ
### РАИСИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи даъват кардани Ҷаласаи якҷояи нуҳуми Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

Мутобиқи қисми сеюми моддаи 9 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» **қарор мекунам:**

Ҷаласаи якҷояи нуҳуми Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум 28 декабри соли 2023, соати 08-00 дар шаҳри Душанбе даъват карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 12 декабри соли 2023, № 7**



## МУЛОҚОТИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО ЧЖАН ТСИНВЭЙ

**14-уми декабри соли 2023 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо муовини Раиси Кумитаи доимии Маҷлиси умумичинии намояндагони халқии Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Чжан Тсинвэй, ки бо сафари расмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, мулоқот анҷом доданд.**

Дар оғози суҳбат муҳтарам Рустами Эмомалӣ меҳмонони олиқадрро ба Тоҷикистон хайра мақдам гуфта, изҳор доштанд, ки мулоқоти имрӯза идомаи муколамаи пайвастаи сатҳи баланди миёни кишварҳои мо маҳсуб меёбад.

Лозим ба ёдоварист, ки моҳи августи соли ҷорӣ сафари расмии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Ҷумҳурии Мардумии Чин бобарору судманд анҷом ёфт.

Ҷонибҳо бо қаноатмандӣ таъкид доштанд, ки ба сатҳи имрӯзаи муносибатҳои судманди байни Тоҷикистону Чин робитаҳои доимии сиёсӣ, муколамаи мунтазам ва боэътимоди сарони ҳар ду давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Си Ҷинпин заминаи воқеӣ гузоштаанд.

Зикр гардид, ки дар маҷмӯи робитаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон самти Ҷумҳурии Мардумии Чин мақоми афзалиятноку хоса дошта, мо ба рушду тавсеаи ҳамаҷонибаи муносибатҳоямон бо кишвари дӯсти Чин таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир менамоем. Тоҷикистон ва Чин на танҳо кишварҳои ҳамҷавор, инчунин тамаддунофару соҳибфарҳанг ва шарикони ҳамаҷонибаи стратегӣ мебошанд.

Имрӯз парламентҳо ба сифати ниҳоди калидии давлат дар густариши ҳамкории байни кишварҳо нақши муҳим доранд ва равобити миёни давлатҳоро мукаммал мегардонанд. Дар ин замина, ҷонибдорӣ аз тақвияти робитаҳо бо Кумитаи доимии Маҷлиси умумичинии намояндагони халқии Ҷумҳурии Мардумии Чин иброз гардид. Дар идомаи мулоқот ҷонибҳо атрофи вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳои ҳар ду кишвар мубодилаи афкор анҷом доданд.

Байни кишварҳои мо раванди шарикии стратегии ҳамаҷониба дар заминаи меъёрию ҳуқуқии муносиби муносибатҳои ҳар ду кишвар, ки зиёда аз 200 санади дуҷонибаро ташкил медиҳад, босуръат тавсеа меёбад.

Имрӯз Чин шарики асосии тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар сохтори гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон яке аз ҷойҳои пешсафро ишғол менамояд.

Дар даҳ соли охир Чин ба иқтисоди Тоҷикистон беш аз 2,5 миллиард доллар сармоягузорӣ кардааст, ки бештар ба соҳаҳои саноати кӯҳӣ, нақлиёт, энергетика, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, кишоварзӣ ва дигар бахшҳои иқтисодиёти миллӣ равона карда шудаанд.

Бо назардошти мавҷудияти имкониятҳои зиёд барои рушди минбаъдаи тиҷорати дуҷониба иштироки ширкатҳои чинӣ, ки бо имконоту зарфиятҳои бузурги молиявӣ, фанноварӣ ва технологӣ дар миқёси ҷаҳон соҳибном гаштаанд, дар лоиҳаҳои дорои аҳамияти минтақавӣ ва байниминтақавӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ, мувофиқи мақсад шуморида шуд.

Инчунин, имконияти ҳамкориҳои дуҷониба бо ширкатҳои Чин дар бахшҳои саноатҳои кӯҳӣ, сабук ва хӯрокворӣ, гидроэнергетика, нассоҷӣ, электронӣ, кишоварзӣ, роҳу нақлиёт, инчунин, металлургияи ранга, технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, ки аз самтҳои ояндадор ба ҳисоб мераванд, баррасӣ гардиданд.

Ҷонибҳо ҳамкорӣ дар соҳаи маориф, илм, тандурустӣ ва фарҳангро аз самтҳои муҳими рушди муносибатҳои гуманитарӣ шуморида, ҷонибдориро ҷиҳати густариши минбаъдаи ин робитаҳо таъкид намуданд.

Дар қатори масъалаҳои дигар оид ба ҳамкории фаъоли Тоҷикистону Чин дар доираи сохторҳои байналмилалию минтақавӣ, аз ҷумла дастгирии ташаббусҳои якдигар дар арсаи ҷаҳонӣ, ибрози назар карда шуд.

Ҳамчунин, тавсеаи ҳамкории боэътимоди кишварҳо дар соҳаи амният ва бахши ҳарбию техникӣ, дар самти муқовимат ба терроризм, экстремизм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар, киберҷиноятҳо ва дигар зуҳуроти ҷинояткории муташаккили фаромарзӣ муҳим дониста шуд.

Дар мулоқоти ҷонибҳо, инчунин, оид ба мушкилоти байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла вазъият дар Афғонистон, мубодилаи афкор карда шуд.

www.majmilli.tj

Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

## ЗАМИНАИ ҚОНУНГУЗОРӢ БАРОИ РУШДИ ПАРДОХТИ ҒАЙРИНАҚДӢ ТАҚВИЯТ МЕЁБАД



**Сенздаҳуми декабри соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 50 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Музаффар Ашӯриён, муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Карим Гулмуродзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа се масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст? Нест.

Хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»**

**2. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**3. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон».**

(Давомаш дар саҳ. 2 ва 3)

# ИФТИТОҲИ ИНШООТҲОИ НАВ АЗ ҶОНИБИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ



(Идома аз саҳ. 1)

Дар марказ 40 нафар кормандони соҳибтахассус, асосан ҷавонони дорои донишу малакаи кор бо технологияҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва донандаи забонҳои хориҷӣ, фаъолият мекунанд. Онҳо ба ҷамъоварӣ, таҳлил ва арзёбии иттилоот оид ба ҷиноятҳои экстремистӣ, террористӣ ва киберҷиноятҳо, ташкили махзани ягона оид ба содиршавии чунин ҷиноятҳо, таъмини ҳамкорӣ ва дастгирии байналмилалӣ барои тафтиши онҳо, васеъ ва мустаҳкам намудани амнияти киберӣ, назорати татбиқи сиёсати стратегии иттилоотӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва дигар масъалаҳо машғул хоҳанд шуд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолияти Маркази ягонаи иттилоотӣ шинос шуда, сипас дар толори маҷлис бо сардорони раёсатҳои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон суҳбати самимӣ оростанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи кормандони прокуратураро ба масъалаҳои татбиқи нуктаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешгирии қонунвайронкунӣ дар самти харидуфурӯши замин, тоза кардани сафи сохтор аз нафарони ба коррупсия дастзананда, риояи яксони Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, гирифтани пеши роҳи ҷинояткорӣ ва қонуншиканиҳо, таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва ҷобаҷокунии дурусти кадрҳо ҷалб карданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин, ба коргарони масъули Прокуратураи генералии ҷумҳурӣ ҷиҳати боз ҳам тақвият бахшидани ҳамкорӣ дар мубориза бо ҷиноятҳои гуногун, пешгирии шомилшавии шаҳрвандон, бахусус ҷавонон ба ташкилотҳои террористӣ-экстремистӣ, таъмини амнияти киберӣ ва иттилоотӣ дар ҷумҳурӣ ва бо ин мақсад боз ҳам бештар аз худ кардани донишҳои замонавӣ, омӯхтани забонҳои хориҷӣ, истифодаи техникаю технологияҳои муосир ба кормандони марказ дастуру ҳидоятҳо доданд.

«Шумо - кормандони прокуратура бояд чашму ҳуши давлат бошед», - таъкид карданд Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар охири суҳбат.

Супоришҳои дигар ба кормандони мақомоти прокуратура ҷиҳати иҷрои содиқонаи вазифаҳои хизматӣ, боз ҳам пурзӯр намудани назорати прокурорӣ, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ва мубориза бо ҷинояткорӣ дода шуд.

**13-уми декабри соли 2023 дар шаҳри Душанбе Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бинои Маркази миллии идоракунии ҳолатҳои бухронии Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифтитоҳ намуданд.**

Марказ бо таҷҳизоту технологияи иттилоотии муосир таҷҳизонида шуда, дар он имконияти мусоид барои дастрасии маълумоти фаврӣ оид ба офатҳои табиӣ, таҳлили онҳо, огоҳсозии аҳолӣ, идоракунии қувва ва воситаҳои низоми ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода бо низоми муайяншуда фароҳам шудааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар толори Комиссияи ҳолатҳои фавқулода бо имкониятҳои технологӣ барои дарёфти маълумот дар бораи ҳолатҳои эҳтимолии табиӣ ва ҳамоҳангкунии қувваю воситаҳо ҷиҳати пешгирии он шинос шуданд.

Барои мушаххас кардани абрҳои жолаовар, ҳолатҳои заминҷунбӣ, тасвири ҷойи воқеа, таҳияи харитаи офати табиӣ ва имкониятҳои пайвастшавӣ ҷиҳати гузаронидани ҷаласаҳои фаврии онлайнӣ (маҷозӣ) аз порталҳо ба таври васеъ истифода карда мешавад.

Бинобар сабаби тағйир ёфтани иқлим эҳтимоли ба вуҷуд омадани офатҳои табиӣ бештар гардидааст. Бо назардошти ҳамин, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳайати шахсиро ҷиҳати истифодаи муфид аз имконияти замонавии фароҳамшуда ва сари вақт пешгирию бартараф намудани ҳолатҳои фавқулода вазифадор карданд. Масоҳати умумии бинои Маркази миллии идоракунии ҳолатҳои бухронии Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1520 метри мураббаъро ташкил медиҳад.

Корҳои сохтмонии бинои мазкур 2-юми феврали соли 2021 оғоз гардида, бо ҷалби сармояи хориҷӣ мутобиқ ба талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ сохта шудааст.

Иншооти замонавӣ аз 3 ошёна ва таҳхона иборат мебошад. Дар бино толори машваратӣ, ҳуҷраи сардори ситоди Комиссияи ҷумҳуриявии ҳолатҳои фавқулода, ҳуҷраи сардори марказ, толорҳои алоқаи фаврӣ, иттилоотӣ ва ҳамоҳангсозӣ, 3 ҳуҷраи тиббӣ, ошхона, меҳмонхона ва ҳуҷраҳои ёрирасон ҷойгир карда шудааст.

Маркази миллии идоракунии ҳолатҳои бухронии Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти идоракунии ҳаррӯзаи низоми ягонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода буда, барои муттаҳид намудани манбаи иттилоот, имкониятҳои мавҷудаи зернизоми вазифавӣ ва ҳудудии низоми ягона ҷиҳати идоракунии фаврӣ дар вазъияти бухронӣ ва фавқулода пешбинӣ шудааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кормандону мутахассисонро барои омӯзиши нозукиҳои кор тавассути технологияи муосир, такмили маҳорат, сари вақт мушаххас кардани мавзеи эҳтимолии хавфнок ва дар ҳамоҳангӣ андешидани чораҳои зарурӣ вазифадор карданд.

Назорати доимии фаъолияти марказҳои идоракунии ҳолатҳои бухронии раёсатҳои кумита дар шаҳри Душанбе ва вилоятҳо, хадамотҳои навбатдории вазорату идораҳо оид ба масъалаҳои ҳифзи аҳолӣ ва ҳамоҳангсозии чорабиниҳо оид ба ташкил, такмилдиҳӣ ва истифодаи устувори низоми худкори иттилоотӣ оид ба масъалаҳои огоҳсозӣ аз ҳамин маркази муосир сурат мегирад. Дар ҳолати қатъ гардидани қувваи барқ дар марказ ба таври худкор аз имкониятҳои захиравӣ истифода карда мешавад.

Бунёди Маркази миллии идоракунии ҳолатҳои бухронии Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муҷаҳҳазгардонии он бо технологияи муосир имкон медиҳад, ки маълумоти дақиқи ҷаҳон ва ҳудуди мамлакат онлайн тавассути порталҳо дастрас ва ҳолати воқеӣ пайгирӣ карда шавад.

**13-уми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар пойтахти мамлакат бинои наву замонавии Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина»-ро, ки бо тарҳ ва шакли зебо бунёд гардидааст, мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Сарвари давлат бо шароиту имконоти бинои нав шинос шуда, ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд доданд. Иттилоъ дода шуд, ки сохтмони иншоот моҳи июли соли гузашта оғоз гардида, корҳои сохтмонӣ, бо назардошти талаботи соҳавӣ, бо ҷалби 200 нафар сохтмонҷӣ анҷом дода шудааст.

Намои берунаи иншооти нав бо тарҳ ва шакли муосиру замонавӣ бунёд ва рангу оро ёфта, бинои асосӣ аз 5 ошёна бо таҳхона, инчунин, 2 бинои алоҳидаи дигари бо ҳам пайваст дар масоҳати беш аз 8 ҳазору 600 метри мураббаъ иборат аст. Бинои дуюм аз се ошёна бо таҳхона ва бинои сеюм аз ду ошёна, бо назардошти таваққуфгоҳ барои нақлиёти хизматӣ, бунёд гардидааст.

Дар бинои нави муассиса 8 студияи муҷаҳҳазу барҳаво барои сабти барномаҳои гуногуни телевизионӣ, оростани мусоҳибаю доир намудани пахшҳои мустақим бунёд ёфтааст. Аз ҷумла, студияҳои алоҳида барои барномаҳои иттилоотӣ – таҳлилӣ



ва барномаи «Субҳ ба хайр, Тоҷикистон» ташкил гардида, ороиши саҳна бо диду нигоҳи тоза ва мутобиқ ба барномаҳо анҷом дода шудааст. Алалхусус, барои пахши мустақими барномаи иттилоотӣ-таҳлилии «Навид», ки ҳамарӯза 6 нашр бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба эфир мебарояд, имконоти зарурӣ фароҳам гардидааст. Ҳамзамон, дар студияҳои мазкур таҷҳизоти наву замонавии наворбардорӣ, дастгоҳҳои марказии идоракунии ҷараёни сабти навор ва овоз харидорӣ ва васл шудааст. Дар баробари ин, дигар барномаҳои телевизион низ минбаъд дар студияҳои барҳаво ва муҷаҳҳаз сабту пешниҳоди тамошобинон карда мешавад. Ҳамчунин, дар саҳни бинои муассиса барои сабти мавсимии барномаҳо майдони махсус бунёд карда шудааст.

Зимни боздид иттилоъ дода шуд, ки зарфияти дигари бинои нав дар он аст, ки дар он ҷо студияи алоҳидаи виртуалӣ бунёд ва бо дастгоҳҳои муосир муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Камераҳои ин студия ба таври фосилавӣ идора гардида, технологияи нав имкон медиҳад, ки мувофиқи талаботи барнома, дар реҷаи воқеии вақт саҳнаю ороиши он иваз карда шавад.

Дастгоҳҳои студияи виртуалӣ, ки бори нахуст дар мамлакат истифода мегардад, аз ширкатҳои маъруфи Амрико харидорию насб гардида, барои таҳияи барномаҳои ҷолиб ва мувофиқ ба талаботи тамошобини имрӯз мусоидат хоҳад кард. Ин шеваи корбарӣ дар маъруфтарин шабакаҳои телевизионӣ васеъ истифода мегардад.

Дар баробари ин, муассиса барои сабти номераҳои консертӣ ва муаррифии ҳунару истеъдоди санъаткорон, студияи алоҳидаи барҳаво бо тамоми имконот, аз қабили дастгоҳҳои муосири сабт, равшанидиҳӣ ва саҳнаҳои зебову мунаққаш, дорад.

Ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар баробари студияҳои замонавию барҳаво ва дастгоҳҳои пуриқтидори соҳавӣ, дар иншооти нав, ҳамчунин, шароити мусоид бо бунёд гардидани ҳуҷраҳои корӣ фароҳам оварда шудааст. Дар маҷмӯъ, бинои нав дорои 63 ҳуҷраи барҳавои корӣ буда, дар онҳо барои фаъолияти рӯзноманигорон, муҳаррирон, танзимгарон ва ҳайати техникӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст. Тамоми ҳуҷраҳои корӣ бо дастгоҳҳои зарурӣ муҷаҳҳаз буда, ҳамчунин, бахши бандубаст ва танзими барномаҳои муассиса бо компютерҳои пуриқтидор таъмин гардидаанд. Ҳар як идора дар алоҳидагӣ дорои танзимгоҳ ва ҳуҷраи сабти овоз буда, дохили онҳо барои сабти овоз ва танзими барномаҳо муҷаҳҳаз гардонида шудаанд.

Тарҳ ва намои берунаю дохили бинои нави Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» бо диду нигоҳи тоза ва дизайни замонавӣ бунёду оро ёфтааст. Аз ҷумла, иншоот дорои роҳравҳои барҳавою зебо буда, дар дохили он лифт ҳам насб гардидааст. Бино дорои китобхона бо махзани бойи китобӣ буда, барои мутолиа дар он адабиёти бадеию соҳавӣ дастрас аст. Ҳамчунин, иншоот бо толори маҷлисӣ бо 100 ҷойи нишаст ва ошхонаи барҳаво таъмин буда, ҳуҷраи алоҳидаи наттоқон ва ҳуҷраи пардозгарӣ ташкил гардидааст ва иншоот бо системаи шаҳрии гармидиҳӣ пайваст мебошад.

Аз он ки варзиш дар баробари омили ҳифзи солимӣ будан, ҳамчунин, василаи зебоӣ ҳам ҳаст, дар бинои нави Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» толори варзишӣ бо тамоми дастгоҳҳои муосири машқу тамрин ташкил гардидааст. Дар вақтҳои холигӣ кормандон имконият доранд, ки ба хотири пешбурди тарзи ҳаёти солим аз толори мазкур истифода баранд.

Ҳамчунин, бо қомат афрохтани бинои нав, маъмурияти Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» ҳадаф доранд дар оянда шабакаи радиои «Сафина»-ро ифтитоҳ намуда, барои шунавандагон низ барномаҳои ҷолиб ва хабару гузоришҳои дақиқу саривақтӣ пешниҳод намоянд.

Бо истифода аз шиша ва дигар маҳсулоти баландсифати сабуки сохтмонӣ орою зеб додани бино ҷолибу диққатҷалбкунанда буда, дар саҳни ҳавлии муассиса фаввораҳои зебо ҷойгир мебошад. Хусусан, шомгоҳон иншооти мазкур зебу зинати дигар дорад, зеро ҳудуди он пурра чароғон гардида, тарҳи зебои он муосиру замонавӣ мебошад.

Ифтитоҳи бинои нави Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» саҳми соҳибкорони ватанӣ буда, натиҷаи амалишавии нақшаи чорабиниҳо бахшида ба Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бинои нави Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» аз ҷониби Ширкати ватании «ТГЭМ» бунёд гардида, ба Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» туҳфа карда шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид масъулин ва кормандони муассисаро вазифадор намуданд, ки имконоти мазкурро барои таҳияи барномаҳои ҷолибу диданӣ, омодакунии кадрҳои баландихтисосу ҷавобгӯ ба талаботи байналмилалӣ, расонидани хабару гузоришҳои дақиқу саривақтӣ ва сабту пешниҳоди мусоҳибаю гузоришҳо дар мавзӯъҳои рӯз ҳамаҷонибаю самаранок истифода бурда, барои таблиғу муаррифии фарҳангу санъати асили миллӣ ва баланд бардоштани завқу салиқаи тамошобинон ҳамаҷониба саъй ва кӯшиш намоянд.

www.prezident.tj

# ЗАМИНАИ ҚОНУНГУЗОРӢ БАРОИ РУШДИ ПАРДОХТИ ҒАЙРИНАҚДӢ ТАҚВИЯТ МЕЁБАД

(Идома аз саҳ. 1)

**РАИС: -** Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» сухан ба вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Музаффар Ашӯриён дода мешавад. Марҳамат.

**Музаффар АШӮРИЁН:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Бо мақсади бартараф намудани мухолифату норасоиҳои ҷойдошта, риояи имлои забони тоҷикӣ ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таҳия гардид. Тибқи лоиҳа, дар боби 1 Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти ҳуқуқэҷодкунанда илова гардида, номи Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба номи расмии он мутобиқ карда шуд. Дар иртибот бо тағйироти мазкур дар тамоми матн тағйироти дахлдор ворид карда шуд.

Барои бартараф намудани зиддият ва гуногунфаҳмӣ дар боби 2 меъёрҳои дахлдор такмил ва мушаххас карда шуданд. Аз ҷумла, шакли санади меъёрии ҳуқуқии қабулкунандаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба таври мушаххас муайян карда шуд.

Бо мақсади ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон ва сармоягузорӣ мақоми ваколатдори таҳлили таъсири танзимкунӣ бояд мақоми марказии ҳокимияти иҷроияе бошад, ки дар доираи салоҳияти худ сиёсати давлатӣ ва батанзимдарории меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи сармоягузорӣ, тадбирҳои мақсаднок оид ба ҷалб, ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги кумаки беруна, фаъолият оид ба иҷрои барномаҳои дастгирии соҳибкориро анҷом диҳад. Вобаста ба ин, дар боби 4 тағйироти дахлдор ворид карда шуд.

Дар бобҳои 5, 10 ва 11 бо мақсади бартараф намудани мухолифату норасоиҳои ҷойдошта ва механизми амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид гардиданд. Мувофиқи тағйиру иловаҳои пешниҳодгардида шакли навишти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодекс, қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии тасдиқшавандаи мушаххас ҳангоми дар шакли мухтасар ифода ёфтан дақиқ гардида, дар мавриди истинод намудан ба ин санадҳои қонунгузорӣ нишонаҳои зикршаванда ихтисор ва ба таври сода пешбинӣ карда шуданд. Ҳамзамон, асосҳои зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ васеъ гардида, тибқи лоиҳа тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ,



инчунин метавонанд бо мақсади бартараф намудани ихтилофоти байни санади меъёрии ҳуқуқӣ, норасоӣ дар санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои дахлдор ворид карда шаванд.

Дар боби 6 тартиби мувофиқа кардани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар мушаххас гардида, бинобар қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» гузарондани экспертизаи зиддитабъизӣ пешбинӣ шуд.

Дар боби 7 сарчашмаи интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мушаххас гардида, бинобар нашр нашудани Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои охир моддаи 68 хориҷ карда шуд. Ҳамзамон, тибқи иловаи ба моддаи 69-и қонуни мазкур манзургардида шакли электронии «Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз соли 2011 эътибори интишори расмӣ дорад, дар сомонаи расмии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда мешавад.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад ва аз буҷети давлатӣ дар робита ба иҷро шудани муқаррароти пешбинигардида хароҷоти иловагиро талаб намекунад. Аз ин рӯ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро дастгирӣ намоед.

**РАИС: -** Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Баҳриддин Зиёӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Баҳриддин ЗИЁӢ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар маҷмӯъ зиёда аз 30 тағйиру иловаҳои дахлдор пешбинӣ карда шудаанд. Аз ҷумла, қисми 5 моддаи 48, моддаи 68 ва қисми 3 моддаи 66 хориҷ карда шуда, қисми 2 моддаи 24, қисми 5 моддаи 39, қисмҳои 2, 3 ва 4 моддаи 48 ва қисми 4 моддаи 89 дар таҳрири нав пешниҳод карда шудаанд.

Лоиҳаи қонуни мазкур мувофиқ ба талаботи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи санади зикргардидаро мавриди омӯзиш қарор дода, дар хулосаҳояшон онро ҷонибдорӣ намуданд.

Лоиҳаи қонуни зикршуда ба талаботи бобҳои якум ва дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад. Аз ин лиҳоз, Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон аз шумо - вакилони муҳтарам бо эҳтиром хоҳиш менамояд, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Сухан ба муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Карим Гулмуродзода дода мешавад. Марҳамат.

**Карим ГУЛМУРОДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани дастуру супоришҳои дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 – юми декабри соли 2022 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баёнгардида ва таъмини иҷрои талаботи банди 6 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 – юми июни соли 2023 таҳти №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» таҳия ва пешниҳод гардидааст.



Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 - юми июни соли 2023 таҳти №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, аз ҷумла ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва намудҳои дигари хизматрасониҳои давлатӣ аз 1-уми августи соли 2023 тариқи ғайринақдӣ муайян карда шудааст. Бинобар ин, дар доираи лоиҳаи қонуни мазкур ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ моддаи 541[1] илова гардида, барои риоя накардани талабот дар бораи тариқи ғайринақдӣ пардохт намудани хизматрасониҳои давлатӣ ва пардохтҳои дигари ҳатмии давлатӣ ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар шудааст. Тибқи меъёри иловашаванда барои аз ҷониби кормандони вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ гирифтани пули нақд, ки таъиноти минбаъдаи он ба таври ғайринақдӣ супоридани маблағ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва намуди дигари хизматрасониҳои давлатӣ мебошад, инчунин истифодаи кортҳои бонкӣ ва дигар воситаҳои электронии шахсии пардохт бо ин мақсад, ба андозаи аз даҳ то бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима пешбинӣ шудааст. Масъалаи мазкур метавонад минбаъд ба таъмини риояи талаботи фармони зикршуда таъсири мусбат расонад. Бинобар ин, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо дастгирӣ кунед.

**РАИС:** - Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Мансур Усмонзода дода мешавад. Марҳамат.

**Мансур УСМОНЗОДА:**



- **Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Мақсади асосии лоиҳаи қонуни мазкур аз масъалаҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар суръатбахшии ҷараёни гардиши воситаҳои пулӣ, шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, кам намудани ҳаҷми пули нақд дар муомилот ва хароҷот вобаста ба эмиссияи он, инчунин содагардонии равандҳои пардохтҳои давлатиро, ки бо дарназардошти аҳамияти муҳими молиявӣ-иқтисодии он ба танзим медарорад, иборат мебошад. Тибқи лоиҳа, қисми 6 моддаи 39-и кодекси амалкунанда дар таҳрири зерин ифода карда мешавад: «6. Маблағи ҷаримаи маъмурӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ тариқи ғайринақдӣ тавассути ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва инфрасохтори дигари қабули пардохтҳои ғайринақдӣ пардохт карда мешавад.».

Ҳамзамон, ба кодекси амалкунанда «Моддаи 541[1]. Риоя накардани талабот дар бораи тариқи ғайринақдӣ пардохт намудани хизматрасониҳои давлатӣ ва пардохтҳои дигари ҳатмии давлатӣ» илова мегардад, ки минбаъд дар асоси он ба субъекти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки кормандони вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ мебошанд, ҷазои маъмурӣ дар намуди ҷарима пешбинӣ шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур мутобиқи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми расмиёти дохилиро гузаштааст. Аз ҷониби кумитаҳо ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳа мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҷонибдорӣ гардид ва ҳамзамон ҷиҳати такмили он 3 таклиф пешниҳод шуд, ки бо назардошти онҳо лоиҳа қобили қабул дониста шуд. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад. Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон аз шумо - вакилони арҷманд, хоҳиш менамояд, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

(Давомаш дар саҳ. 3)



# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

**(Идома аз саҳ. 1)**

Парки технологӣ ва филиали институти илмӣ – тадқиқотии донишгоҳ дар бинои нав аз бахшҳои дигари филиал аст, ки бо мақсади татбиқи донишҳои назариявии донишҷӯён дар амалия ва амиқтар омӯхтани илмҳои муосир дар доираи ҳадафҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ҷойгир карда шудаанд.

Ҷараёни таълим дар филиали Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» дар вилояти Хатлон дар шуъбаи таҳсили рӯзона ва фосилавӣ аз рӯйи низоми таҳсили кредитӣ мувофиқи нақшаю барномаҳои давлатии таълимӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар он беш аз 930 нафар аз рӯи 15 ихтисос, аз ҷумла саёҳат ва осоишгоҳи табобатӣ, хадамоти гумрук, иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот, молия ва қарз, муносибатҳои байналмилалӣ ва идораи давлатӣ, ба таҳсил ҷалб гардидааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз имконоти муассиса ва фаъолияти марказу озмоишгоҳҳои илмӣ – тадқиқотӣ таъкид намуданд, ки бо истифода аз чунин шароит ба тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳавӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шавад. Таъкид кардан бамаврид аст, ки бо ифтитоҳи бинои мазкур баробари кормандон 100 нафар иловатан бо ҷойи кор таъмин гардида, оянда бо назардошти то 5 ҳазор расониданӣ донишҷӯён ин нишондод боло хоҳад рафт.

Донишгоҳ имрӯз бо беш аз 160 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва илмии хориҷӣ, инчунин ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, ҳамкориҳои судманд дошта, бо мақсади баланд бардоштани маҳорату савияи тахассусӣ табодули академии омӯзгорону донишҷӯёнро роҳандозӣ намудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз имконоти муосир дар бинои нави филиали Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» дар вилояти Хатлон бо таъсиси марказу озмоишгоҳҳои замонавӣ ва марказҳои инноватсионии аз худ кардани малакаҳои касбӣ барои донишҷӯён, ки дар самти амалишавии нақшаю барномаҳои таълимӣ, хусусан ҳадафҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020 – 2040) мусоидат мекунанд, изҳори қаноатмандӣ карда, барои истифодаи васеи имконоти омӯзишӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот ва омода намудани мутахассисони касбӣ дастуру маслиҳатҳои судманд доданд.

**14-уми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Левакант бо лоиҳаҳои бунёди филиали донишгоҳ дар ноҳияи Данғара ва кӯдакистону гармхона дар ҳудуди филиали Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» дар вилояти Хатлон шинос шуданд.**

Раёсати Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иқдом гирифтааст, ки бунёди филиали донишгоҳи мазкур дар ноҳияи Данғараро ба роҳ монад.

Зимни муаррифии лоиҳаи филиали донишгоҳи мазкур дар ноҳияи Данғара иттилоъ дода шуд, ки бунёди иншоот талаботи замон буда, он аз рӯйи лоиҳа аз 5 бинои бо ҳам пайвасти 3, 5 ва 8-ошёна иборат мебошад. Бинои таълимии сохташавандаи филиали донишгоҳ дар ноҳияи Данғара барои 5000 донишҷӯ дар як баст пешбинӣ гардида, баробари ба истифода додани он дар марҳилаи аввал 400 нафар бо ҷойи кор таъмин мегардад.

Намои иншоот бо тарҳи муосир оро дода мешавад. Дар баробари синфхонаҳои таълимӣ ва фаннӣ, ҳамчунин филиали донишгоҳ дар ноҳияи Данғара аз хобгоҳ, маҷлисгоҳ, китобхонаи илмӣ - электронӣ, озмоишгоҳҳо, марказҳо, парки технологӣ, толори варзишӣ, ошхона ва дигар иншооти ёрирасон иборат хоҳад буд.

Бунёди кӯдакистон дар ҳудуди филиали Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар вилояти Хатлон барои 250 нафар фарзандони кормандону омӯзгорон пешбинӣ шуда, он аз 3 ошёна ва як бинои асосӣ иборат аст.

Мувофиқи лоиҳа муассисаи томактабӣ бо усулҳои хоси меъмории миллӣ бунёд шуда, дар ҷараёни корҳои сохтмонӣ мутахассисони маҳаллӣ ҷалб хоҳанд шуд. Аз рӯи нақша кӯдакистон дар рӯзҳои таҷлил аз Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор хоҳад гирифт. Бунёди иншооти зинаи аввали таҳсилот дар доираи дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ҷалби кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ амалӣ гардида, дастоварди хуб дар ин самт маҳсуб мешавад.

Лоиҳаи дигари муаррифигардида гармхонаи типи нав аст, ки барои парвариши гулҳои ороишӣ пешбинӣ шудааст. Гармхона дар масоҳати 360 метри мураббаъ замин бунёд гардида, парвариш ва нигоҳубини гулҳо дар он бо усули обдиҳии қатрагӣ роҳандозӣ гардида, дар дигар фаслҳои сол низ имконияти парвариш ва нигоҳубини хуби растанӣ мавҷуд аст.





Гулҳое, ки дар он ҷо парвариш меёбад, барои зебо ва хуррамгардонии атрофи муассиса, таъмини эҳтиёҷоти дигар ниҳодҳои ҳудуди шаҳри Левакант ва ноҳияҳои атроф истифода хоҳад шуд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба раёсати Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои созандаи Ҳукумати мамлакат изҳори сипос намуда, барои анҷоми босифати корҳои бунёдкорӣ дар ин раванд дастурҳои мушаххас доданд.

**14-уми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳоти «Файзи Истиқлол»-и ноҳияи Кӯшониён сардхонаи муосири Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сомон Агро Саноат»- ро мавриди истифода қарор доданд.**

Сардхона дар доираи дастуру супоришҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маблағгузории ҶДММ «Сомон Агро Саноат» бунёд гардида, имкони дар шароити хуб нигоҳубини то 2 ҳазор тонна меваю сабзавотро доро мебошад.

Масоҳати дохили сардхона дар ду марҳила беш аз 2 ҳазор метри мураббаъро ташкил намуда, дар умум дар он зиёда аз 4 ҳазору 500 тонна меваю сабзавот ҷойгир карда хоҳад шуд.

Масоҳати умумии ҳудуди сардхона 5 ҳазору 200 метри мураббаъро ташкил намуда, он бо дастгоҳҳои худидорашавандаи замони муосир муҷаҳҳаз шудааст. Дастгоҳҳои замонавӣ, аз кишварҳои Туркия ва Италия ворид гардида, ҳарорати дохили сардхонаро аз 5 дараҷа гармӣ то 10 дараҷа хунукӣ нигоҳ медоранд. Чунин шароит имкон медиҳад, ки меваю сабзавот тару тоза ва бо сифати аъло нигоҳ дошта шавад.

Бо мавриди истифода қарор гирифтани марҳилаи аввали иншооти мазкур беш аз 10 нафар сокини маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин шуданд. Ҳоло дар сардхона сабзӣ, картошка, себ, анор, ангур, хурмо ва дигар номгӯи маҳсулот захира карда шудааст. Тариқи шартнома қабул ва нигоҳдории меваю сабзавоти тару тозаи аҳолӣ бошад, аз бартарияти дигари сардхонаи навбунёд ба шумор меравад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамон ҷо аз намоиши маҳсулоти кишоварзӣ дидан карданд. Дар намоиш молу маҳсулоте, ки имконияти нигоҳубини онҳо дар сардхона мавҷуд аст, муаррифӣ карда шуд, ки аз анвои гуногуни маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла навъҳои гуногуни ангур, бодирингу помидор, себу нок, лимӯ ва дигар номгӯи маҳсулот, иборат буд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, ба ташаббуси соҳибкорон ҷиҳати бунёди сардхона, пешгирии талафёбии маҳсулот ва таъмини бозор бо меваю сабзавоти аз лиҳози экологӣ тозаи ватанӣ дар ҳама фаслҳои сол баҳои баланд дода, бунёди сардхонаи муосирро амри муҳим арзёбӣ карданд.

---

**www.prezident.tj**

*(Идомаи гузоришҳо аз ҷараёни сафари кории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Хатлон дар шумораи ояндаи рӯзнома чоп мешаванд).*

# НОРАСОИИ ЙОД - ЗАМИНАИ ЗУҲУРИ БЕМОРИҲО

**Чанде пеш дар меҳмонхонаи «Ҳилтон» бо ибтикори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии созмонҳои ЮСАИД ва ЮНИСЕФ оид ба иҷрои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ғанигардонидашуда (йодноккунии намаки ошӣ) суҳбати мизи гирд баргузор шуд. Дар он вакилони Маҷлиси намояндагон, масъулони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ, олимон, роҳбарони муассисаҳои тиббӣ ва рӯзноманигорон ширкат намуданд.**




- Тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти рушди соҳаи иҷтимоӣ корҳои зиёд ба сомон расидааст. Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо ғизои солим ва хушсифат Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хӯроквории ғанигардонидашуда» қабул гардида, дар иртибот ба он аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ як қатор стратегия ва барномаҳо амалӣ гардида истодаанд, - гуфт зимни ифтитоҳи чорабинӣ муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ.

Зикр гардид, ки дар баробари дастовардҳо, нишондиҳандаҳои баъзе бемориҳои ба ғизо алоқаманд ташвишовар боқӣ мемонанд. Хусусан, дар мамлакат шумораи зиёди аҳолӣ аз норасоии йод азият мекашанд. Аз ин ҷост, ки тӯли даҳсолаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи йодноккунии намак ҳамчун стратегияи самарабахш роҳандозӣ гардидааст. Роҳбарияти корхонаю озмоишгоҳҳои ватанӣ барои баланд бардоштани талабот ба намаки ба таври мувофиқ ғанигардонидашуда, тавассути чорабиниҳои оммавӣ, аз ҷумла баланд бардоштани зарфиятҳои истеҳсолкунандагони намак, нозироти давлатӣ ҷиҳати истеҳсоли намаки ба таври кофӣ ва босифат йоднокшуда, инчунин, бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин намудани корхонаю озмоишгоҳҳо пайваста саъю талош менамоянд.

Сафири фавқулода ва мухтори ИМА дар Тоҷикистон Мануэл Микаллер тадбирҳои андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти мубориза бо норасоии йод самарабахшу муваффақ арзёбӣ намуда, изҳор дошт, ки ЮСАИД тӯли се даҳсола дар ин самт бо Тоҷикистон ҳамкорӣ дорад.

Роҳбари намояндагии Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) дар Тоҷикистон Артур ван Дисен норасоии йодро яке аз масъалаҳои ҳалшаванда дар ҷумҳурӣ арзёбӣ кард. Таъкид гардид, ки ҳалли масъалаи мазкур метавонад бемориҳои зиёдеро аз байн бибарад. Хазинаи кӯдакони СММ имрӯз ҳам ҳамкориро бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дода, масъалаи йодноккунии намакро пайгирӣ менамояд.

Профессор Григорий Герасимов, ҳамоҳангсози минтақавӣ барои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказии Шабакаи «Глобалии йод» (IGN), ки борҳо меҳмони ҷумҳуриамон гардида, вазъи норасоии йодро дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додааст, дар суҳбати гирди миз маҷозӣ иштирок ва суханронӣ намуд. Ӯ низ тадбирҳои андешидаи Ҳукумати ҷумҳурӣ ва парлумони мамлакатро дар самти мубориза бо норасоии йод қобили мулоҳиза ва арзандаи ситоиш арзёбӣ кард.

---

**Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум».**
**Суратгир Н. АЛИЕВ**

# ЗАМИНАИ ҚОНУНГУЗОРӢ БАРОИ РУШДИ ПАРДОХТИ ҒАЙРИНАҚДӢ ТАҚВИЯТ МЕЁБАД

**(Идома аз саҳ. 1 ва 2)**

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз мекунем. Сухан ба муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Карим Гулмуродзода дода мешавад. Марҳамат.

**Карим ГУЛМУРОДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани дастуру супоришҳои дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми декабри соли 2022 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баёнгардида ва таъмини иҷрои талаботи банди 6 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми июни соли 2023 таҳти №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» таҳия гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар иртибот ба лоиҳаи тағйиру илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моддаи нав илова гардида истодааст, таҳия шуда, баррасии моддаи $541^1$ Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмуриро ба ваколати мақомоти судӣ муайян менамояд. Инчунин, ба моддаи 87 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (ҳолатҳое, ки протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода намешавад) тағйирот пешбинӣ гардида, тибқи он, дар сурати аз ҷониби ҳуқуқвайронкунанда дар маҳали содиршавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба таври ғайринақдӣ пардохт гардидани маблағи ҷарима протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода намешавад. Дар ин ҳолат ҷазои маъмурӣ дар бланки ҳисоботдиҳии қатъӣ, ки намунаи он аз тарафи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ба расмият дароварда мешавад. Аз ин рӯ, аз шумо - вакилони арҷманд хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо дастгирӣ ва қабул намоед.

**РАИС:** - Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Баҳриддин Зиёӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Баҳриддин ЗИЁӢ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади таъмини иҷрои талаботи банди 6-и Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми июни соли 2023 таҳти №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» ва ҳамзамон, ҷиҳати танзими муносибатҳо вобаста ба тартиби пардохтҳои давлатӣ тариқи ғайринақдӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

Тибқи лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида қисмҳои 2 ва 4 моддаи 87 дар таҳрири нав ифода карда мешаванд, ки дар асоси он шахсоне, ки кирдори ҳуқуқвайронкунии маъмуриро, ки дар моддаҳои 324, 333 қисми 2, 340 қисми 1 ва $295^1$ пешбинӣ гардидааст, содир менамоянд, бе тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ маблағи ҷаримаро ба таври ғайринақдӣ дар маҳали содиршавии кирдор пардохт менамоянд. Инчунин, ба қисми 5 моддаи мазкур ҷумлаи дуюм илова карда мешавад, ки минбаъд ҳангоми аз тарафи ронандаи воситаи нақлиёт содир кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда, ҳуҷҷати ронандагии онҳо гирифта намешавад ва протоколи тартибдодашуда ба махзани ягонаи электронии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешавад.

Иловаҳои ба қисми 1 моддаи 93 ва қисмҳои 1 ва 3 моддаи 229 пешбинигардида ба тобеияти баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии моддаи $541^1$ ва масъалаҳои пардохти ғайринақдӣ вобастагӣ доранд.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар асоси Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми расмиётро тибқи Дастури Маҷлиси намояндагон гузашта, кумитаҳо ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро ҷонибдорӣ намуданд. Лоиҳаи қонуни мазкур ба талаботи бобҳои якум ва дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони арҷманд хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд. Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Барои иштироки фаъолонаатон изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

---

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА,**
**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Н. АЛИЕВ**

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

## Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин ОЗМУН эълон менамояд:

**Номгӯйи мансабҳо**

1. Сармутахассиси бахши иттилоот ва кор бо воситаҳои ахбори оммаи Раёсати стандартҳо, таҳлил, рушд ва ҳамкориҳои байналмилалӣ – 1 ҷой;
2. Сармутахассиси шуъбаи молия ва хоҷагидорӣ -1 ҷой;
3. Сармутахассиси шуъбаи пешбурди технологияҳои иттилоотию иртиботии Раёсати рушди технологияҳои иттилоотию иртиботӣ -1 ҷой;
4. Мутахассиси пешбари шуъбаи стандартҳо ва таҳлили Раёсати стандартҳо, таҳлил, рушд ва ҳамкориҳои байналмилалӣ – 1 ҷой;
5. Мутахассиси пешбари шуъбаи молия ва хоҷагидорӣ -1 ҷой;
6. Мутахассиси пешбари шуъбаи ҳуқуқ – 1 ҷой;
7. Мутахассиси пешбари шуъбаи пешбурди технологияҳои иттилоотию иртиботии Раёсати рушди технологияҳои иттилоотию иртиботӣ - 1 ҷой;
8. Мутахассиси Раёсат оид ба масъалаҳои назорати буҷети соҳаи мудофиа ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ -2 ҷой;
9. Мутахассиси шуъбаи стандартҳо ва таҳлили Раёсати таҳлил, рушд, стандарт ва ҳамкориҳои байналмилалӣ -1 ҷой;
10. Мутахассиси шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус -1 ҷой.

**Андозаи маоши вазифавӣ бе назардошти собиқаи хизмати давлатӣ:**

- сармутахассис - 2011 сомонӣ;
- мутахассиси пешбар – 1494 сомонӣ;
-мутахассис - 1228 сомонӣ;
- иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ тибқи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**Талаботи тахассусӣ нисбати довталабони мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ:**

- таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбӣ бо назардошти ихтисос ва на камтар аз 3 сол собиқаи кории касбӣ дар соҳаи аудит, иқтисод, молия, ҳуқуқ ва дигар соҳаи касбӣ;
-донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- донистани забони давлатӣ, муқаддасоти миллӣ, таърих ва фарҳанг;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дониш ва малакаи кор бо технологияҳои иттилоотию иртиботӣ;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

**Барои довталабони Раёсати рушди технологияҳои иттилоотию иртиботӣ иловатан зарур аст:**

- донистани барномаҳои СТД (ГОСТ IEC 60950-2011, СТД P51318.22-99);
- донистани принсипи кории коммутаторҳо, маршрутизаторҳо, xDSL модемҳо ва фаерволҳо;
- доштани таҷрибаи амалӣ бо пешбурди шабакаҳои компютерӣ ва барномаҳои системаҳои компютерӣ;
- донистани забонҳои русӣ (техникӣ) ва англисӣ (техникӣ) ҳатмӣ мебошад.

**Номгӯйи ҳуҷҷатҳо:**

- ҷузъдон;
- аризаи шахсӣ ба номи раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли муқарраргардида;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо дар шакли муқарраргардида (маълумотҳои шахсӣ ва фаъолияти меҳнатӣ дақиқ, пурра ва фаҳмо нишон дода шавад);
- тарҷумаи ҳол бо шакли муқаррагардида;
- 2 дона акси андозаи 4х6 ва 2 дона акси андозаи 3х4;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот, дараҷаи илмӣ ва такмили ихтисос (агар чунин ҳуҷҷатҳо бошанд);
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
- маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ (шакли 038);
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда;
- маълумот (эъломия) дар бораи даромад ва вазъи молу мулк;
- нусхаи шаҳодатномаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (СИН);
- нусхаи шиноснома;
- маълумотномаи надоштани доғи судӣ (МА ВКД ҶТ);
- нусхаи билети ҳарбӣ ё шаҳодатномаи бақайдгирии ҳарбӣ;
- маълумотнома (объективка) дар шакли хаттӣ ва электронӣ.

**Ҳуҷҷатҳо дар муҳлати 21 рӯз аз рӯзи эълон қабул карда мешавад.**

**Суроға:** шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 36, индекс: 734025, телефон 227-38-74, почтаи электронӣ:info@sai.tj

Довталабон метавонанд барои гирифтани маълумоти иловагӣ аз сомонаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон **www.sai.tj** истифода намоянд.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 419274 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ, сохтмонӣ, масрафӣ, курсиҳои идоравӣ, тухфа, бозича ва арчаи солинавӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 42 | 15.12.2023 10:00:00 |
| 2 | 419275 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Таҷҳизоти зеристгоҳи барқӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 16.12.2023 10:45:45 |
| 3 | 419277 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои иловагӣ барои 1000 хонанда дар назди МТМУ №34-и Ҷамоати шаҳраки Хистеварзи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (идомаи корҳои сохтмонӣ ва ободонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.12.2023 10:45:45 |
| 4 | 419278 | Корхонаи давлатии коммуналии «Шуъбаи сохтмони асосӣ»-и шаҳри Бӯстон | Идомаи таъмири намуди зоҳирии бинои қисми ҳарбии №051056-и Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Бӯстон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.12.2023 10:45:45 |
| 5 | 419276 | Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Ховалинг | Дастгоҳи обкашӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.12.2023 11:44:33 |
| 6 | 419280 | Беморхонаи марказии шаҳри Ваҳдат | Таъмири ҷории бинои шуъбаи сироятии беморхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.12.2023 09:30:00 |
| 7 | 419281 | Муассисаи давлатии «Хонаи кӯдакони №1»-и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.12.2023 09:50:00 |
| 8 | 419282 | Маркази саломатии шаҳри Ҳисор | Курсиҳои офисӣ ва кондитсионер | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 18.12.2023 10:46:26 |
| 9 | 419285 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатии шаҳрии №8»-и шаҳри Душанбе | Таҷҳизоти техникӣ, маишӣ, моноблок ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 18.12.2023 13:23:37 |
| 10 | 419292 | Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Рӯдакӣ | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 18.12.2023 14:42:22 |
| 11 | 419284 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Торф, поруи органикӣ ва нуриҳои минералӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 18.12.2023 14:44:44 |
| 12 | 419283 | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сохтмони бинои маъмурии «Парки миллии таърихии Ширкент» дар шаҳри Турсунзода | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 02.01.2024 11:25:00 |
| 13 | 419286 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқат»-и шаҳри Кӯлоб | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 36 | 02.01.2024 13:56:05 |
| 14 | 419287 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16-и ноҳияи Фархор | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 02.01.2024 14:08:14 |
| 15 | 419288 | Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон | Сӯзишворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 02.01.2024 14:10:20 |
| 16 | 419290 | Муассисаи давлатии «Боғи фарҳангӣ-фароғатии ба номи С. Айнӣ» | Автомашинаи боркаш | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 02.01.2024 14:18:17 |
| 17 | 419291 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №2-и ноҳияи Панҷ | Таҷҳизоти акустикӣ, моноблок ва стабилизатор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 02.01.2024 14:35:55 |
| 18 | 419293 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ | Масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 23 | 02.01.2024 14:55:35 |
| 19 | 419279 | Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Суғд | Ташкили хӯроки нисфирӯзӣ ва хӯроки шом барои 90 нафар варзишгарон ва мураббиён дар муддати 4 рӯз барои иштирок дар мусобиқаи байналмилалӣ оид ба шиноварӣ бахшида ба «Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 03.01.2024 13:00:00 |
| 20 | 419289 | Муассисаи давлатии «Мактаб - интернати №40»-и шаҳри Конибодом | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 36 | 03.01.2024 14:20:00 |
| 21 | 419294 | Муассисаи давлатии «Литсейи шаҳри Панҷакент» | Хӯрокворӣ ва маводи хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 38 | 03.01.2024 15:00:00 |
| 22 | 419295 | Муассисаи давлатии буҷетии таҳсилоти миёнаи умумии Россияю Тоҷикистон «Мактаби миёнаи умумӣ бо омӯзиши амиқи фанҳои алоҳида ба номи А. П. Чехов» дар шаҳри Хуҷанд | Ангишти антратситӣ ва ангишти БК | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 03.01.2024 17:30:00 |
| 23 | 419301 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 17.12.2023 15:59:59 |
| 24 | 419299 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | Барномаҳои системаи таъминотии компютерҳои фардӣ, барномаҳои таъминотӣ, камераҳои видеоӣ - назоратӣ ва дискҳои дурушт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 18.12.2023 15:30:00 |
| 25 | 419296 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Тухми гулҳои мавсимӣ ва тубак | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 18.12.2023 15:35:35 |
| 26 | 419300 | Беморхонаи марказии шаҳри Ваҳдат | Таъмири ҷории намои бино ва сафолакпӯш намудани саҳни ҳавлии беморхонаи марказии шаҳри Ваҳдат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.12.2023 15:40:00 |
| 27 | 419302 | Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» | Таъмири фойе, осорхона, роҳрави ошёнаи 2 ва ҳуҷраҳои бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.12.2023 16:10:00 |
| 28 | 419303 | Муассисаи давлатии «Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикӣ» | Мебел, динамик, кондитсионер, телевизор, курсӣ, веб-камера, сейф, диски хотиравӣ, таҷҳизот барои офис, курсии офисӣ ва гармкунаки равғанӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 26 | 18.12.2023 16:15:00 |
| 29 | 419304 | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 76 | 18.12.2023 16:30:00 |
| 30 | 419305 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Корҳои пардозгарӣ (ороишӣ) дар ҳудуди ноҳия (ороиш бо сурат - баннер) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.12.2023 16:40:00 |
| 31 | 419298 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 34 | 18.12.2023 16:46:46 |
| 32 | 419306 | Муассисаи давлатии «Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи Мирсаид Миршакар» | Консолҳои омехта, компютери фардӣ, системаи акустикӣ ва таҷҳизот | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 18.12.2023 16:50:00 |
| 33 | 419308 | Шуъбаи фарҳанги ноҳияи Файзобод | Таъмири ҷории бинои шуъбаи фарҳанги ноҳия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.12.2023 17:10:00 |
| 34 | 419311 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Молҳои хоҷагидорӣ, канселярӣ, сантехникӣ, барқӣ, печҳои буғӣ, таҷҳизоти техникӣ, техникаи маишӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва мебели идоравӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 109 | 18.12.2023 18:40:36 |
| 35 | 419314 | Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хизматрасониҳои марбут ба чоп (Брошураи сайёҳии «Тоҷикистони худро дарёб» бо халтаи сайёҳӣ, теъдоди умумӣ - 1000 адад | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 19.12.2023 09:15:00 |
| 36 | 419336 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Таъмири роҳи зеризаминии гузаргоҳи байни бинои муассиса ва бинои ташхиси тиббии беморхонаи Қарияи боло, инчунин корҳои иловагӣ дар бинои кафедраи биология ва китобхонаи донишгоҳ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.12.2023 10:20:00 |
| 37 | 419338 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони беморхона дар маркази ноҳияи Мастчоҳ (корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.12.2023 10:35:35 |
| 38 | 419339 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Ҷевон барои иншооти «Сохтмон ва азнавсозии биною иншооти қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳраки Шӯроби шаҳри Исфара» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 19.12.2023 10:40:40 |
| 39 | 419340 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои маъмурӣ дар назди Муассисаи давлатии «Нигоҳдории иншоотҳои сохташавандаи шаҳраки Сайҳун» (идомаи корҳои сохтмонӣ - корҳои оҳанубетонӣ, барқтаъминкунӣ, сантехникӣ, огоҳкунии зиддисӯхтор ва насби камераҳои мушоҳидавӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.12.2023 10:45:45 |
| 40 | 419341 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавсозии «Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров» (идомаи корҳои сохтмонӣ - корҳои барқтаъминкунӣ, камераҳои назоратӣ, радиошунавоӣ ва гузаронидани шабакаи интернет) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.12.2023 10:50:50 |
| 41 | 419343 | Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири роҳу кӯпрукҳои шаҳри Душанбе» | Таҳияи лоиҳаи «Сохтмони роҳи автомобилгард аз кӯчаи Шерализода то кӯчаи Карин Манн бо назардошти сохтмони пул ва роҳравҳо» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 19.12.2023 11:05:00 |
| 42 | 419344 | Беморхонаи марказии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Мебел ва техникаи маишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 16 | 19.12.2023 11:11:11 |
| 43 | 419345 | Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири роҳу кӯпрукҳои шаҳри Душанбе» | Таҳияи лоиҳаи «Сохтмони роҳи автомобилгарди кӯчаи Карин Манн аз ҳалқаи дуқабатаи кӯчаҳои ҷанубии Карин Манн то буриши кӯчаи Мастонгулов» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 19.12.2023 11:30:00 |
| 44 | 419346 | Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири роҳу кӯпрукҳои шаҳри Душанбе» | Таҳияи лоиҳаи «Азнавсозии кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 19.12.2023 11:50:00 |
| 45 | 419347 | Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири роҳу кӯпрукҳои шаҳри Душанбе» | Таҳияи лоиҳаи «Сохтмони роҳи автомобилгард аз кӯчаи А. Қаҳҳоров то кӯчаи Карин Манн (маҳаллаи Деҳқонобод)» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 19.12.2023 12:20:00 |
| 46 | 419323 | Муассисаи таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №3»-и ноҳияи Файзобод | Мебел, бозичаҳои кӯдакона, молҳои техникӣ ва нарм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 13 | 19.12.2023 14:55:46 |
| 47 | 419334 | Кӯдакистони №113 «Аниса»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 65 | 19.12.2023 15:15:52 |
| 48 | 419315 | Беморхонаи клиникавии вилояти Суғд | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 30 | 02.01.2024 09:35:00 |
| 49 | 419316 | Беморхонаи клиникавии вилояти Суғд | Таъмири ҳуҷраи рентгени рақамии беморхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 02.01.2024 09:35:35 |
| 50 | 419330 | Раёсати Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд | Равғани муҳаррик, қисмҳои эҳтиётӣ ва чархҳои автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 02.01.2024 09:45:55 |
| 51 | 419331 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони қасри фарҳанг дар маркази шаҳри Истаравшан (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 02.01.2024 09:50:50 |
| 52 | 419332 | Муассисаи давлатии тандурустии «Таваллудхонаи вилояти Суғд» | Доруворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 02.01.2024 10:00:00 |
| 53 | 419333 | Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Суғд | Пайроҳаи зиддилағзиш барои ҳавз, садбарги бурида бо баландии 20-25 см, хлори хокаи 80% барои ҳавз | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 02.01.2024 10:04:04 |
| 54 | 419317 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Обёрии заминҳои мавзеи навбунёди деҳаи Қалъаи Мирзобойи Ҷамоати деҳоти Ваҳдати ноҳияи Деваштич (сохтмони хатти оби нӯшокӣ ва полезӣ бо дарозии 1,85 км) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 02.01.2024 10:10:10 |
| 55 | 419318 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонӣ - корҳои васли панҷараҳои декоративӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 02.01.2024 10:10:10 |
| 56 | 419319 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонӣ - корҳои кандакорӣ ва ороишии толорҳои 6 ва 7-уми бинои осорхона) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 02.01.2024 10:10:10 |
| 57 | 419320 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии кӯчаи ба номи Константин Калинников дар шаҳри Хуҷанд (гузоштани фарши асфалтубетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 1397 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 02.01.2024 10:10:10 |
| 58 | 419321 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии роҳравҳои атрофи бинои маъмурии Шуъбаи шаҳри Хуҷандии Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд (гузоштани фарши асфалтубетонӣ, ғафсӣ - 6 см, масоҳат - 350 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 02.01.2024 10:10:10 |
| 59 | 419322 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Бинои маъмурии Раёсати молия дар ноҳияи Деваштич (идомаи корҳои ороишии сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 02.01.2024 10:10:10 |
| 60 | 419324 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои иловагӣ барои 1000 хонанда дар назди МТМУ №34 Ҷамоати шаҳраки Хистеварзи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (идомаи корҳои сохтмонӣ - огоҳкунии зиддисӯхтор, насби камераҳои мушоҳидавӣ ва муҳофизати зиддисӯхтори бомпӯш) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 02.01.2024 10:10:10 |
| 61 | 419325 | Муассисаи давлатии серсоҳаи «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Ашт | Кофтани чоҳи амудӣ дар шаҳраки Шайдони ноҳия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 02.01.2024 10:10:10 |
| 62 | 419326 | Умури истеҳсоли кишоварзии ноҳияи Ашт | Корҳои мустаҳкам намудани соҳилҳои Аштсойи ноҳия (идомаи корҳои бетонӣ, сантехникӣ ва омодакунии шағал) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 02.01.2024 10:10:10 |
| 63 | 419327 | Шуъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Маводи хоҷагидорӣ, маҷмӯи зарфҳо барои ошхона, техникаи маишӣ, техникаи идоравӣ, Парчами давлатӣ, либоси корӣ ва филтр барои об | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 34 | 02.01.2024 10:10:10 |
| 64 | 419328 | Муассисаи давлатии «Кӯдакистони президентӣ» дар вилояти Суғд | Маводи хоҷагидорӣ, асбоб ва лавозимоти барқӣ, ҳисобкунаки обӣ ва парда | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 35 | 02.01.2024 10:10:10 |
| 65 | 419329 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №33»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 38 | 02.01.2024 10:10:10 |
| 66 | 419335 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Хизматрасонӣ барои қабули меҳмонон ва ташкили хӯроки нисфирӯзӣ дар шаҳри Ғафуров (ҷамъ 1005 нафар дар як рӯз) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 02.01.2024 10:17:20 |
| 67 | 419337 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонии обу ташноб) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 02.01.2024 10:25:25 |
| 68 | 419348 | Муассисаи давлатии «Стансияи ёрии таъҷилӣ»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Қисмҳои эҳтиётӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 02.01.2024 11:21:21 |
| 69 | 419349 | Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Суғд | Тири камонварӣ, мизи теннниси рӯимизӣ, тӯри дарвозаи калон, тӯр, тӯби футбол, қолини гӯштини самбо, каноэ, маводи тарғиботӣ (брошура) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 02.01.2024 11:28:30 |
| 70 | 419297 | Корхонаи воҳиди давлатии «Сарраёсати ободонӣ, кабудизоркунӣ обтаъминкунӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳри Роғун | Матоъҳои баннерӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 02.01.2024 15:15:00 |
| 71 | 419350 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик» | Маводи канселярӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 42 | 02.01.2024 16:21:52 |
| 72 | 419307 | Маркази саломатии шаҳрии шаҳри Ваҳдат | Кондитсионер, компютер, велоэргометр, электрокардиограф ва дастгоҳи дандонпизишкӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 02.01.2024 16:55:00 |
| 73 | 419309 | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маводи хоҷагидорӣ ва канселярӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 16 | 02.01.2024 17:21:00 |
| 74 | 419342 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб | Таъмирии асосии «Хона-музейи Ҳунарманди халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобоҷон Азизов» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 03.01.2024 10:57:57 |
| 75 | 419310 | Муассисаи давлатии «Стансияи ёрии таъҷилӣ»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Сӯзишвории дизелӣ, бензин ва гази моеъ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 03.01.2024 17:40:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи гумшудаи техникии квартира бо рақами инвентарии 20/724, рақами нархнома (ҳисоб) 02/2768, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ 3-юми декабри соли 2021 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Зафар, квартираи 10 ба Муртазоев Шодмон Субҳонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи 1Ш-685, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 19-уми июли соли 2022 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Зафар, квартираи 10 ба Муртазоев Шодмон Субҳонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи техникии ҳавлидорӣ бо рақами инвентарии 71695, рақами реестрии 10257, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ соли 1989 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чортеппа, деҳаи Ҷӯйбодом №102 ба Солиҳов Мизроб Доробович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0348854, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Рӯдакӣ 27-уми ноябри соли 2012 дар асоси қарори раиси ноҳияи Рӯдакӣ (аз 9-уми апрели соли 2010 таҳти №224) бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати шаҳраки Турсунзода, деҳаи Истиқлол ба Искандарова Сабоҳат додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Зафар ба Файзулоев Табар Хайруллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Манзилномаи (ордери) №020863- и гумшуда, ки онро Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе 22 -юми июли соли 2014 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Назаршоев, бинои 7/2, хонаи 21 ба Сабиров Мустафо Абдуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи таҳсилоти умумии асосии силсилаи Т- ШТА №0030191, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №51-и шаҳри Душанбе 23- юми июни соли 2006 ба Уктамов Муминжон додааст, бинобар роҳ ёфтани хатогии техникӣ дар ном, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии А №089519-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18-и шаҳри Душанбе соли 1987 ба Нарзиқулов Баҳодур Улмасович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми синфи нуҳуми ТШТА 0920016- и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18-и шаҳри Душанбе соли 2017 ба Раҳматихудоиев Ҷумъахон Нуралиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи А.Навоӣ, бинои 17/1, ҳуҷраи 156 ба Попов Геннадий Михайлович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Панҷруд, хонаи 125 ба Расулов Дилшод Сайфуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Деҳи боло, хонаи 247 ба Юсупова Роҳат додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда бо шартҳои махсус, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ ба Фахридинова Гулрухсор Баракаевна (РЯМ 0331279832) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда бо шартҳои махсус, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ ба Бобоҷонов Ҳоҷикул Усмонқулович (РЯМ 0331285928) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши қисми ошёнаи пойдевор, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 2- юми майи соли 2018 таҳти феҳрасти 3Д- 211 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чимтеппа, деҳаи Корвон, қисми ошёнаи пойдевор ба Бобоазизов Саид Ҳафизович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро ШВКД дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи 50-солагии Тоҷикистон, бинои 23, хонаи 16 ба Расулова Дилафрӯз Абдуҳамидовна додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

Соҳибкори инфиродӣ Зиёзода Меҳрангез Зиёвиддин (РЯМ 6030154864), ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ (онро 11- уми ноябри соли 2020 Нозироти андози шаҳри Панҷакент додааст) мебошад, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Садои мардум

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муовини якуми сармуҳаррир Абдухолиқ МИРЗОЕВ

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 14 декабри соли 2023, соати 18:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34460 нусха*

Навбатдорони шумора Ш. Атобуллоев ва Н. Низомӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97